# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.03.2025, №58**

Барои сазовор донистани Шарифзода Нурулло Шариф, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, дода мешавад.

Диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 9 январи соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №72 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд ва дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯ Шарифзода Нурулло Шариф, соли таваллудаш 26.10.1994, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шарифзода Нурулло Шариф соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Шарифзода Нурулло Шариф солҳои 2017-2019 ба сифати ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст. Солҳои 2019-2020 дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат намудааст.

Солҳои 2021-2023 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Инчунин, аз соли 2023 то соли 2024 ба сифати муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аз моҳи сентябри соли 2024 то ҳол ба сифати муаллими калони кафедраи молия ва суғурта ва муовини декан оид ба тарбияи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Нурулло Шариф дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2018, суратҷаласаи №4/5.9 тасдиқ гардидааст. Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз

31.03.2022 №8/4.19 мавзуъ ва роҳбари илмии Шарифзода Нурулло Шариф бинобар пеш омадани зарурияти истеҳсолӣ иваз гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шариф Раҳимзода -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷониён Даврон Дадоҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Авгонов Нурали Айниддинович** – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси - Молия, и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ба диссертатсия хулосаи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., муаллими калони кафедраи молия ва қарз Шафиев Б.З. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №6/1, аз 18.01.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. санаи 27.01.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Нурулло Шариф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 16 интишороти илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

**[1-М].** Шарифзода, Н.Ш. Захираҳои бонкӣ: масоили назариявӣ, ташкилӣ ва истифодаи онҳо [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2020. №4 (24). – С. 177-188. ISSN: 2663-0389

**[2-М].** Шарифзода, Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявию сармоягузории кишвар

[Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. №2 (26). – С. 149-160. ISSN: 2663-0389

**[3-М].** Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. №4. – С. 129-139. ISSN: 2413-5151

**[4-М].** Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили вазъи сиёсати пулию қарзӣ ва нақши он дар рушди захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. №6. – С. 27-41. ISSN: 2413-5151

**[5-М].** Шарифзода, Н.Ш. Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккули захираҳои бонкӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, Ш. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2022. №1 (30). – С. 21-32. ISSN: 2663-0389

**[6-М].** Шарифзода, Н.Ш. Ҳолати муосири захираҳои ҷалбкардашуда ва нақши онҳо дар ташаккули захираҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, Ш.М. Раҳимзода, Ғ.Ҳ. Ғаюров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: “Сино”, 2022. №4. – С. 26-33. ISSN: 2413-5151

**[7-М].** Шарифзода, Н.Ш. Усулҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар ташаккули захираҳои бонкӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, И.Р. Иброҳимзода, С.С. Саъдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: “Сино”, 2022. №10. – С. 32-42. ISSN: 2413-5151

**[8-М].** Шарифзода, Н.Ш. Исследование методов оценки банковских ресурсов как стабильная основа повышения инвестиционного потенциала Республики Таджикистан [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, У.А. Шарипов // Финансовая экономика. – 2023. – № 5. – С. 293-302. ISSN: 2075-7786

**[9-М].** Шарифзода, Н.Ш. Таҳқиқи усулҳои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: “Сино”, 2023. №5. – С. 85-96. ISSN: 2413-5151

**[10-М].** Шарифзода, Н.Ш. Усулҳои идоракунии захираҳои ҷалбкардашуда ҳамчун унсури ташаккули захираҳои бонкӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: “Сино”, 2023. №6. – С. 45-53. ISSN: 2413-5151

**[11-М].** Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили усулҳои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ баҳри таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: “Сино”, 2023. №10-2. – С. 21-30. ISSN: 2413-5151

**[12-М].** Шарифзода, Н.Ш. Ҳолати муосири захираҳои бонкӣ ва истифодаи самараноки онҳо [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, Ш. Раҳимзода // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: “Шуъбаи таҳрир ва таъбу нашр”, 2024. №3 (68). – С. 27-39. ISSN 2664-0651

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[13-М].** Шарифзода, Н.Ш. Резервы коммерческих банков и их возможность использования как инвестиции для экономического развития страны [Текст] / Н.Ш. Шарифзода, У.А. Шарипов // Материалы IV национальной (российской) научно-практической конференции “Трансформация бизнеса и общественных институтов в условиях цифровизации экономики” (26-27 мая 2022 г). – Санкт-Петербург: СПбУТУиЭ, 2022. – С. 289-296.

**[14-М].** Шарифзода, Н.Ш. Исследование теоретических аспектов формирования кредитных ресурсов [Текст] / Н.Ш. Шарифзода, З. М. Зиёев // Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 02 мая 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 295-309. – EDN UMBHTI.

**[15-М].** Sharifzoda N.Sh. Raising capacity financial-investment country: resources banks business and durability bank of the Republic of Tajikistan [Text] / N.Sh. Sharifzoda, U.A. Sharipov // Endless Light in Science. – 2023. – № 4(4). – С. 171-179. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-171-179. – EDN OPOGUM.

**[16-М].** Шарифзода, Н.Ш. Методы управления привлеченными ресурсами как элемент формирования ресурсов банка [Текст] / Н.Ш. Шарифзода, А.Х. Исматов // Совершенствование финансово-кредитной системы в условиях цифровизации национальной экономики: Сборник научных трудов, посвященный «Дню работников финансовых органов Республики Таджикистан», Душанбе, 07 декабря 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2024. – С. 287-293. – EDN ATXPSW.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Қодирзода Хуршед Қодир - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара** бо чунин эродҳо:

1. Хуб мешуд, агар муаллифи диссертатсия аз мавқеи илмии иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ оид ба моҳияти захираҳои бонкӣ хулосаи мушаххас бароварда, қобили қабул будани нуктаи назари яке аз онҳоро дар шароити кунунии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас менамуд.

2. Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар маълумоти омории ҷадвалҳо як давраи муайянро дар бар мегирифт, масалан солҳои 2016-2023. Чун қоида, гуногун будани давраи таҳлилшаванда дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои илмиро то андозае коста мегардонад.

**2. Қодирзода Абдураҳмон Лаким – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”** бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф дар саҳифаи 14-и автореферати диссертатсия тавозуни бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистонро барои солҳои 2016-2023 дар шакли ҷадвал тартиб додааст. Аз таҳлили ин нишондиҳанда бармеояд, ки ҳаҷми сармояи

бонкҳои кишвар афзоиш ёфта истодаанд. Аммо, дар ин солҳо бархе аз бонкҳои тиҷоратӣ муфлис гаштаанд. Сабаби он оварда нашудааст.

2. Дар саҳифаи 16-и автореферати диссертатсия омилҳои кам гардидани сармоягузориҳои бонкӣ ба воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳо ба таври муфассал оварда шудаанд. Аммо роҳҳои бартараф кардани муаммоҳои ҷойдошта пешниҳод карда нашудаанд.

**3. Миразизов Абдулло Ҳабибович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи “Молия ва қарз”-и Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Масалан, таҳлили таҷрибаи хориҷӣ, ки дар асар пешниҳод шудааст, таҳлили муфассалро тақозо мекунад, махсусан дар мавриди истифодаи усулҳои инноватсионии ҷалби захираҳо, аз қабили абзорҳои гибридии молиявӣ ва платформаҳои технологӣ.

2. Дар кор инчунин хатарҳои марбут ба рақамикунонии равандҳои бонкӣ, ки омили муҳимми шароити муосир ба шумор меравад, ба қадри кофӣ ба назар гирифта нашудааст.

**4. Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Дар матни автореферати диссертатсия муаллиф диққати асосиро ба ҳолати муосири иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо бештар равона сохтааст. Хуб мегардид, ки агар муаллиф ба лоиҳаҳои ҷойдошта барои қабули сармоягузориҳои бонкӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд;

2. Дар саҳифаи 42 (ҷадвали 2) ҳангоми тарҷумаи автореферат бо забони русӣ нишондиҳандаи қарзҳои таъхирафтода нодурст тарҷума гардидааст. Хуб мешуд, агар тарҷумаи баъзе аз истилоҳоти иқтисодӣ таҷдиди назар карда шавад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои захираҳои бонкӣ ва такмили иқтидори молиявию сармоягузорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки дар сурати амалӣ намудани таҷрибаи пешқадам оид ба самти таҳлил ва баҳодиҳии захираҳои бонкӣ, механизмҳои ҷалби бештари маблағҳои муваққатан озоди мизоҷон ва татбиқу истифодаи самараноки онҳо дар самтҳои гуногун, ташаккули

захираҳои бонкӣ, паст намудани таъсири сатҳи хавфҳои молиявӣ ва ҳавасманд гардонидани мизоҷони бонкҳо баҳри ноил шудан ба тақвияти иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо мумкин аст.

- ***таърифи муаллифии*** захираҳои бонкӣ ва иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо чунин пешниҳод гардидаст: а) «захираҳои бонкӣ ин маҷмуи маблағҳои худӣ ва ҷалбкардашудае мебошад, ки муваққатан дар ихтиёри бонк қарор доранд ва бонк онҳоро барои ташаккул додани дороиҳои худ истифода мебарад»; б) «иқтидори молиявию сармоягузории давлат, корхонаҳо, ташкилотҳо ва монанди инҳо яке аз сарчашмаҳои муҳимми иқтидори молиявию сармоягузории кашвар буда, барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баландбардории фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ истифода бурдан мумкин аст»; в) **дар фарқият аз таърифҳои муҳаққиқони дигар** таърифи муаллифӣ бар он асос меёбад, ки истифодаи захираҳои бонкӣ танҳо барои гузаронидани амалиётҳои фаъол пешбинӣ шудаанд, вале бонкҳо захираҳои бонкиро дар шароити имрӯза барои гузаронидани амалиётҳои фаъол ва ғайрифаъол истифода мебаранд; г) дар таърифи иқтидори молиявию сармоягузории бонкӣ фарқият бар он асос меёбад, ки муҳаққиқ мафҳуми иқтидорро дар шакли маҷмуи захираҳои молиявӣ пешниҳод намудааст.

- **омилҳои ба иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо** таъсирбахш ошкор ва ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: 1) *омилҳои беруна* (вазъи иқтисодӣ, татбиқ ва такмили низоми қонунгузории кишвар, муҳити сармоягузорӣ, ҷалби субъектҳои нави сармоягузорӣ, иштироки фаъоли бонкҳо дар бозори коғазҳои қиматнок, ҷалби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ба бонкҳо, ташкили низоми суғурта, сатҳи боварии мизоҷон ба низоми бонкӣ, рушди низоми инноватсионӣ ва рақамикунонӣ дар кишвар, иқтидори молиявию сармоягузории кишвар, касри буҷети давлатӣ, дастгирии вазъи молиявии баъзе аз бонкҳои ноустувор, пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва андозӣ, инчунин омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ); 2) *омилҳои дохилӣ* (такмили сармояи худии бонкҳо, сифати идоракунии хавфҳои бонкӣ, тақсимоти захираҳо (нодуруст гурӯҳбандӣ ва истифода намудани пасандозҳо, қарзҳо), тақсимоти дороиҳои бонк, дараҷаи даромаднокӣ, бозоргирии тавозуни бонк, баҳодиҳии захираҳо, пардохтпазирии бонк).

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва ва алоқамандии ташаккули захираҳои бонкӣ бо самтҳои иқтисоди миллӣ ва нишондиҳандаҳои омории онҳо, ки дар таҳқиқотҳои олимони соҳа, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ баён шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар заминаи механизмҳои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ, усулҳо ва воситаҳои ҷалб, фишангҳо ва роҳҳои тақвияти иқтидори молиявию сармоягузории бонкӣ метавонад густариш диҳанд.

- ***исбот шудааст,*** ки сифати иқтидори молиявию сармоягузории кишвар на танҳо дар ҳамбастагӣ бо ташаккули захираҳои бонкӣ, балки аз истифодаи самараноки ин захираҳо ва раванди татбиқи механизмҳои онҳо вобаста мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***ғояи*** вусъат пайдо кардани самтҳои мухталифи иқтисод, вазъи иқтидорҳои сармоягузорӣ аз ташаккули устувори захираҳои бонкӣ ва ташкили механизмҳои истифодаи самараноки онҳо вобаста аст ва ***исбот гардидааст***, ки нақши захираҳои худӣ ва ҷалбкардашуда дар рушди иқтисоди миллӣ зиёд буда, табдили пасандозҳо ба сармоягузорӣ шарти асосии такмилёбии иқтидори молиявию сармоягузории бонкӣ мебошад.

- ***самтҳои*** афзалиятноки идоракунии иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо дар заминаи ташаккули захираҳо таҳлилу арёбӣ гардида, дурнамои рушди сандуқи қарзию сармоягузории низоми бонкӣ ва омилҳои таъсирбахш ба он ***муайян ва илман асоснок карда шудааст***.

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) таҳқиқи паҳлуҳои назариявии ташаккули захираҳои бонкӣ ва нақши онҳо дар баландбардории иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат; 2) имкониятҳои татбиқи таҷрибаи хориҷии ташаккул ва баҳодиҳии захираҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) ҳолати муосири захираҳо ва нақши сиёсати пулию қарзӣ дар ташаккули иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат.

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии захираҳои бонкӣ ва идоракунии самараноки иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо таҳқиқ ва мавқеи онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ ва сатҳу сифати фаъолияти шахсони воқеию ҳуқуқӣ муайян ва тақвият бахшида шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Молия», «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Идоракунии хавфҳои бонкӣ» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраҳои молия ва суғурта, инчунин кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд (**санади татбиқи натиҷаҳо аз 10.01.2023 тахти №29/дс**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» (**санади татбиқи натиҷаҳо аз 06.02.2023**) ва ҶДММ «Эсхата Лизинг» (**санади татбиқи натиҷаҳо аз 13.02.2023 тахти №39/1**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***модели регресионии*** арзёбии захираҳои бонкӣ таҳия карда шуд, ки мувофиқи он: таъсири омилҳои ба рушди иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо аз қабили сатҳи нокифоятии сармояи худии бонкҳо, ҳавасманд набудани субъектҳои хоҷагидорӣ барои қабули сармоягузории бонкӣ, баланд будани сатҳи фоизҳои пешниҳодгардида ошкор ва зарурати таблиғи хизматрасониҳои нави бонкӣ исбот шудааст.

- ***стратегияи*** нишондиҳандаҳои таъсирбахш ба захираҳои бонкӣ (ММД, дороиҳои бонкӣ, уҳдадориҳо, пасандозҳо, қарзҳо, сармоягузориҳо ва монанди инҳо) дар заминаи моделҳои риёзӣ-иқтисодӣ бо дарназардошти меъёри миёнаи сенарияҳои индустриалӣ ва индустриалӣ-инноватсионӣ муайян ва ***дурнамои*** он то соли 2030 пешниҳод шудааст.

- ***пешниҳод шудааст***, ки бо мақсади такмили иқтидори молиявию сармоягузории бонкӣ дар заминаи захираҳои худӣ ва ҷалбкардашуда: такмил

додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми пулию қарзӣ, ташкили фазои мусоид барои пасандозгузорон ва ҷалби маблағҳои онҳо бо роҳи пешниҳоди фоиз ва имтиёзҳои гуногун, кафолати пурраи баргардиши маблағҳои пасандозгардида ва махфӣ нигоҳ доштани сирри пасандозгузорон, мутобиқ намудани меъёри фоизи пасандозҳо бо фоизи қарзҳои пешниҳоднамудаи бонкҳо, ба сифати амонат қабул намудани ҳаҷми пасандозҳое, ки ба муҳлати то як сол дар бонкҳо гузошта мешаванд, такмили низоми пардохтҳо тавассути POS-терминал ва QR-рамзҳо, пешгирии амалҳои тасодуфӣ ё қасдона ва ғаразноки шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ташкил ва дар амал татбиқ намудани барномаи ҳушманд ҳангоми гузаронидани давраи қарзии (сармоягузории) мизоҷ, таблиғоти маҳсулоти бонкӣ ва рушди низоми технологияҳои рақамӣ, дуруст мушаххаснамоии имкониятҳои қарзадокунии мизоҷон ва пешниҳоди қарзҳо ва сармоягузориҳо тариқи кафолатҳо (яъне, бе гузоштани гарав) роҳандозӣ карда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи сармоя, захираҳои бонкӣ, иқтидори молиявию сармоягузорӣ ***пешниҳод*** ва иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо дар заминаи захираҳои бонкӣ муайян шудааст.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи ташкили манбаъҳои ташаккулёбии захираҳои бонкӣ ва равонасозии иқтидори молиявию сармоягузории бонкӣ ба ҳамаи самтҳо ***ироа*** ва нақши бонкҳо дар устувор нигоҳ доштани низоми бонкӣ, ҷалби маблағҳои мизоҷон, бартараф намудани хавфҳои молиявӣ, расмиёти гузаронидани амалиётҳо ва хизматрасониҳо муҳим дониста шудааст.

- ***усулҳои*** арзёбӣ, ташкил ва тақвияти иқтидори молиявию сармоягузории бонкӣ дар заминаи захираҳои худӣ ва ҷалбкардашуда таҳия, зарурати истифодаи механизмҳои гуногуни баҳодиҳии захираҳои бонкӣ дар раванди ташаккулёбии он ва самаранок истифода гардидани онҳо исбот карда шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро мутаносибан 83,9% ва 88,8% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:** 1) муаллиф дар тавсеаи баҳодиҳии захираҳои бонкӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои ташаккули иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо ва идоракунии онҳо ***ошкор шудааст***, ки аз хусусиятҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар шароити гузариш ба низоми нави иқтисодӣ бармеоянд; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузоштташуда ва муайян намудани нақши захираҳои бонкӣ дар рушди устувори иқтисодӣ; 4) дар омода намудани 16 мақола, аз он ҷумла 12-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи ««Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо дар заминаи захираҳои бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.4, 10.8, 10.11, 10.14, 10.19, 10.21-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 14.03.2025 қарори сазовор донистани Шарифзода Нурулло Шариф бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд (1 нафар тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 6 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда (1 нафар тариқи маҷозӣ). Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ), «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда:**
**муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Кошонова М. Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**14 марти соли 2025.**